*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 100 (4520) | ҶУМЪА, 12 АВГУСТИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



(Идома аз шумораи гузашта)

## САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ВИЛОЯТИ СУҒД

**11 августи соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади шиносоӣ аз вазъи зиндагии мардум, рафти корҳои ободонию созандагӣ, ифтитоҳи иншооти таъиноти гуногун, боздид аз фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ ва суҳбату мулоқот бо сокинон ба шаҳри Конибодом ташриф оварданд.**

Нахуст, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳоти ба номи Абулқосим Лоҳутии шаҳри Конибодом бинои нави муассисаи таҳсилоти томактабии №10 (кӯдакистони «Зангӯла»)-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Он барои таълиму тарбияи 150 нафар кӯдак пешбинӣ гардида, бо мақсади рушди соҳаи маориф ва амалисозии дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат дар зарфи як сол аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Конибодом ва саҳми соҳибкорони маҳаллӣ бо харҷи 3,5 миллион сомонӣ сохта, ба истифода дода шудааст.

Иншооти нав дуошёна буда, дорои ҳуҷраҳои алоҳидаи хоб ва машғулиятгузаронӣ, ошхона ва нуқтаи тиббӣ мебошад.

Дар кӯдакистони «Зангӯла» дар чор гурӯҳ имконияти мусоид барои таълиму тарбияи кӯдакон муҳайё буда, барои бозиву фароғат низ шароити зарурӣ фароҳам аст. Иншоот, бо ҷиҳозу аёнияти муосиру замонавӣ таъмин буда, ороиши дохили ҳуҷраҳо низ мувофиқ ба хоҳишу завқи кӯдакон анҷом дода шудааст.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин, ба фаъолияти Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Конибодом паранда» оғози расмӣ бахшиданд.**

ҶДММ «Конибодом паранда» дар деҳоти ба номи Абулқосим Лоҳутии шаҳри Конибодом дар заминаи тадбирҳои вобаста ба амалисозии ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати мамлакат бо сармоягузории соҳибкорони вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон таъсис дода шуда, барои истеҳсоли гӯшти парҳезии паранда пешбинӣ гардидааст. Фабрикаи парандапарварӣ дар як сол иқтидори истеҳсоли 2 ҳазор тонна гӯшти мурғро дорад.

Он дорои чор бино буда, имкон аст, дар як давра 100 ҳазор ва дар панҷ давра, яъне дар як сол, 500 ҳазор сар чӯҷаи гӯштии зоти бройлерӣ парвариш шавад. Ба таъкиди мутахассисон, чӯҷаҳои зоти бройлерӣ дар 40 - 45 рӯз ба ҳисоби миёна 2 - 2,2 кило вазн мегиранд ва барои пешниҳод ба бозор омода мешаванд. Айни замон дар корхона зиёда аз 20 сокини маҳаллӣ бо ҷои кору маоши хуб таъмин гардидаанд.

Чӯҷаҳои гӯштии зоти бройлерӣ асосан аз фабрикаи парандапарварии «Суғд - Самарқанд - паранда»-и шаҳри Хуҷанд дастрас мешаванд. Ҷараёни нигоҳубини чӯҷаҳо, муайян намудани ҳарорати дохили парваришгоҳ, тозакунии ҳаво ва додани обу ғизо тавассути технологияи муосир, ки аз Ҷумҳурии Халқии Хитой оварда шудааст, амалӣ мешавад.

Ҳадафи асосии ташаббускорони бунёди фабрика бо гӯшти мурғи хушсифати ватанӣ таъмин намудани аҳолии ҷумҳурӣ, содироти маҳсулоти тайёр ба хориҷи мамлакат ва муҳайёсозии ҷойҳои нави кор барои сокинон мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳибкорон дастур доданд, ки баҳри афзоиши саршумори паранда ва зиёд кардани ҳаҷми гӯшти парҳезӣ аз имконоти мавҷуда самаранок истифода баранд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, дар хоҷагии деҳқонии ба номи Роҳбар Қосимови шаҳри Конибодом хатти оби полезиро ба истифода дода, бо нашъунамои пахта ва дигар намудҳои зироати кишоварзӣ дар кишти такрорӣ шинос шуданд.**

Хатти оби полезӣ барои обёрӣ намудани беш аз 20 гектар замини хоҷагии деҳқонии ба номи Роҳбар Қосимов ва киштзори атроф пешбинӣ шудааст. Обро ба ин мавзеъ тавассути чоҳи амудӣ бо истифода аз қубури қутраш 100 мм баровардаанд. Чуқурии чоҳ 80 метрро ташкил медиҳад ва бо хатти барқи алоҳида таъмин аст. Хоҷагии деҳқонии ба номи Роҳбар Қосимов дар деҳоти «Куҳандиёр» аз пешқадамҳо ба ҳисоб рафта, дорои 19 гектар замини корами обӣ ва 15 гектар боғи зардолу мебошад. Аз масоҳати умумии боғот беш аз 7 гектар ҳосилдиҳанда аст.

Соли равон хоҷагидорон дар 10 гектар пахтаи навъи «Дӯстӣ» ва «Ориёӣ» кишт намудаанд. Ин навъи зироат ба иқлими минтақа мутобиқ буда, дар сурати риояи пурраи талаботи агротехникӣ имкон аст то 45 сентнер ҳосил ба даст оварда шавад.

Ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки дар пахтазори хоҷагӣ қоидаҳои агротехникӣ пурра риоя гардида, ба анҷом расидааст. Ин аст, ки нашъунамои зироат хуб мебошад.

Сипас, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намоиши маҳсулоти кишоварзии сокинони шаҳри Конибодом боздид карданд. Хоҷагидорон ва дигар сокинони шаҳр дар растаҳои алоҳида ҳосили зироат, аз қабили ғалладонагиҳо, лӯбиёдонагиҳо, сабзавоту полезиҳо, ҳосили зироати техникӣ, картошка, меваҳои шаҳдрез, асал ва дигар маҳсулоти бо меҳнати ҳалол бадастовардаи хешро ба маърaз гузоштанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маҳсули заҳмати аҳолии шаҳри Конибодом баҳои баланд дода, тақвият бахшидани корҳои саҳроӣ, бештар намудани майдони кишти зироат ва боғу токзорро дар шароити кунунӣ муҳим шумориданд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Мадании деҳоти «Куҳандиёр»-и шаҳри Конибодом, инчунин, бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 15-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Иншоот дар партави сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати мамлакат бахшида ба 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд шуда, беш аз ду гектарро дар бар мегирад. Бинои асосии муассиса аз ду ошёна иборат аст ва дорои 13 синфхонаи умумӣ ва фаннии таълимӣ, инчунин ҳуҷраҳои корию ёрирасон мебошад. Корҳои сохтмонӣ бо дастгирии соҳибкорон ва ҳашари сокинони маҳаллӣ бо сифати баланд ва ҷавобгӯ ба талаботи соҳаи маориф анҷом ёфтааст.

Муассиса барои 640 хонанда дар ду баст пешбинӣ гардидааст. Синфхонаҳои фанни физика, химия, математика, биология, технологияи иттилоотӣ ва таълими меҳнат бо таҷҳизоту аёнияти замонавӣ таъмин буда, барои хонандагон шароити мусоид барои аз худ кардани дониш мавҷуд мебошад. Бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани муассиса барои хонандагон шароити замонавии аз бар намудани дониш фароҳам гардид.

Барои машғул шудани хонандагон ба варзиш дар муассиса толори замонавии варзиш ва майдончаи кушоди варзиш бунёд гардидааст. Атрофи иншоот бо гулу ниҳолҳои ороишӣ зеб дода шуда, роҳравҳо пурра сафолакпӯш мебошад. Дар ҳамон ҷо ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон либосҳои ягонаи мактабӣ ва варзишии дар коргоҳҳои дӯзандагии шаҳри Конибодом истеҳсолшударо муаррифӣ намуданд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази шаҳри Конибодоми вилояти Суғд бинои иловагии беморхонаи марказии шаҳрро низ ифтитоҳ карданд.**

Бино 4 ошёна буда, дар доираи нақшаи чорабиниҳо ба ифтихори ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ба талаботи замони муосир бунёд гардидааст. Дар ошёнаи якуми он шуъбаи бемориҳои чашм бо 30 кат ҷойгир буда, ошёнаи дуюм барои шуъбаи бемориҳои асаб бо 30 кат пешбинӣ шудааст. Дар ошёнаи сеюм маркази саломатии шаҳрӣ ва дар ошёнаи чорум маъмурияти беморхонаи марказӣ ҷойгир мебошад.

Бинои нав барои қабули 60 нафар пешбинӣ гардида, муоина ва бистарии беморон дар шароити мусоид ба роҳ монда мешавад. Он бо маблағгузории Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд бунёд гардида, дар муҳлати муайяншуда бо сифати баланд ва ҷавобгӯ ба талаботи замони ҳозира сохта шуд.

Ҳамаи ҳуҷраҳои беморхона бо дастгоҳу таҷҳизоти муосири тиббӣ муҷаҳҳаз гардонида шуда, барои ташхису табобати дақиқу саривақтии бемориҳои чашм ва асаб шароити хуби табобат муҳайё мебошад. Бинои иловагӣ бо мизи ҷарроҳӣ, катҳои функсионалӣ, микроскоп барои ҷарроҳӣ кардани чашм, дифиблятор ва монитори назди бемор, дастгоҳи нафасдиҳии сунъӣ таъмин аст. Ҳамчунин, бо кумаки Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ба маблағи 1 миллиону 900 ҳазор сомонӣ таҷҳизоти маишӣ, мизу курсӣ ва дигар лавозимоти зарурӣ харидорӣ гардидааст.

Баъди фароҳам овардани чунин шароит табибон бо истифода аз таҷҳизоти нави ташхисӣ ба беморон хизмати баланди тиббӣ мерасонанд. Ҳамарӯза қариб 80 табиб, корманди миёнаи тиб ба беморон хизмати босифати тиббӣ мерасонанд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боғи истироҳатию фароғатии «Истиқлол»-ро дар шаҳри Конибодом низ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Он дар маркази шаҳр дар масоҳати қариб 5 гектар, бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд бо тарҳи муосир ва унсурҳои шаҳрсозии миллӣ ва санъати баланди меъморӣ бунёд шудааст.

Корҳои сохтмонӣ моҳи марти соли 2021 оғоз ёфта, дар вақти муайяншуда ва бо сифати баланд бунёд гардид. Дар рафти корҳои сохтмонӣ зиёда аз 50 сокини маҳаллӣ бо ҷои кори муваққатӣ таъмин гардиданд.

(Давомаш дар саҳ. 2)

---

## МУЛОҚОТИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО СОКИНОНИ ВОДИИ РАШТ

**8 августи соли равон сафари Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ба ноҳияҳои водии Рашт аз вохӯрӣ бо фаъолони ноҳияҳои Лахшу Тоҷикобод оғоз шуд. Суҳбат хеле самимона ва озод доир гардида, иштирокчиёни он баъд аз суханронии номбурда ба саволҳои хеш посух пайдо карданд.**





Рӯзи дигар дар толори калони Қасри фарҳанги шаҳраки Ғарми ноҳияи Рашт вохӯрии Маҳмадтоир Зокирзода бо фаъолон ва аҳли зиёи ноҳияҳои Рашт, Нуробод ва Сангвор баргузор шуд. Вохӯриро узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси ноҳияи Рашт Раҳимҷон Муқимӣ ифтитоҳ карда, суханро ба Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода дод.

- Бовар дорам, ки суҳбати имрӯзаи мо дар муҳити гарму самимӣ баргузор гардида, дар таҳкими пояҳои давлату давлатдорӣ, ваҳдату ягонагӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангии кишвар мусоидат хоҳад кард, - гуфт дар оғоз Маҳмадтоир Зокирзода.

Номбурда ба ҳозирин роҷеъ ба фаъолияти парламенти касбии мамлакат тӯли даврони соҳибистиқлолии Ватани маҳбубамон маълумот дод.

- Вақте ки аксар ҷумҳуриҳои собиқи Иттиҳоди Шӯравӣ дар санадҳои меъёрию ҳуқуқиашон истиқлолияташонро расмӣ карда, ба таҷдиди давлати соҳибистиқлол ва мерос ситондану соҳибӣ кардани ҳақ талош мекарданд, дар Тоҷикистони тозаистиқлол ҳизбу ҳаракатҳои қудратхоҳу ҷоҳпараст, маҳалбозу моҷароҷӯ садди роҳи фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ гардида, бо истифода аз беҷуръатию камҳавсалагии роҳбарони сиёсии давр барои ба даст овардани зимоми давлатдорӣ дар заминаи амалҳои мунофиқонаву моҷароҷӯёна кӯшиш карданд, - гуфт Маҳмадтоир Зокирзода ва афзуд: - Бо ташаббуси як зумра вакилони ҷасоратпеша, дар замоне ки пойтахти мамлакат макони ноамну таҳти назорати камонкашони неруҳои мухолиф қарор дошт, Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд даъват шуд, ки бо қабул кардани қарорҳои тақдирсозаш иҷлосияи таърихӣ ном гирифт. Он аз ҷумлаи бузургтарин рӯйдодҳои таърихӣ мебошад, ки дар сарнавишти минбаъдаи миллати тоҷик нақши ҳалкунанда дорад. Маҳз бо интихоб шудани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди расидан ба сулҳу оштӣ ва гирифтани пеши роҳи ҷанги хунумонсӯзи шаҳрвандӣ шурӯъ шуд.

Дар баробари барқарор намудани сохти конститутсионӣ, инчунин ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ, таъмини волоияти қонун ва рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа низ аз ҳадафҳои асосии иҷлосия буданд. Дар ҷараёни он бо ибтикор ва роҳнамоии бевоситаи Раиси Шӯрои Олии мамлакат самтҳои усули сиёсати сулҳу оштӣ, ваҳдати миллӣ, таъмини суботи ҷомеа ва давлатсозӣ муайян шуд. Аз ин рӯ, Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ оғози таърихи босуботи навини мустақили тоҷикон дар охири садаи бист ба шумор меравад.

Зиндагӣ ва таҷрибаи ҳаёт дар таърихи навини тоҷикон собит сохт, ки ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, агар дар ҳаёти сиёсии кишвар аз ҳодисаҳои муҳиму пурарзиши миллӣ бошад, ҳифзу нигоҳдошт ва таҳкиму гиромидошташ муҳимтар аз он аст. Инро мо дар мисоли фаъолияти Пешвои миллат, Қаҳрамони Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мушоҳида мекунем.

Қобили ёдоварист, ки ҳанӯз дар лаҳзаҳои нахустини дар Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси Роҳбари давлат интихоб шуданашон фарзанди фарзонаи миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд: «Ман ба шумо сулҳ меорам».

Дар муддати кӯтоҳи таърихӣ собит гардид, ки номбурда ба қавли хеш устуворанд.

Нотиқ, инчунин дар бораи рӯйдоди дигари муҳими таърихие, ки падидаи дигари замони соҳибистиқлолӣ мебошад, яъне қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти муфассал дод.

- Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари истифодаи таҷрибаи ғании эътирофшудаи байналмилалӣ ва низоми ҳуқуқии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, мутобиқ ба талаботу муносибатҳои воқеии рушди оламӣ муосир роҳи пешрафтаи ҳуқуқэҷодкунии мамлакатро дар пайвастагӣ ва манфиатҳои миллӣ таҳия намуд. Бегуфтугӯ, дар саргаҳи раванд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд. Аз ҷумла, қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» маҳз бо ибтикори бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯи кор омада, дар ҳаёти ҷамъиятии Ватанамон падидаҳои муҳим ба шумор меравand, - иброз намуд Маҳмадтоир Зокирзода.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар идомаи суҳбат, инчунин, оид ба вазъи имрӯзаи ҷаҳон, тарбияи ҷавонон, аз даст надодани зиракии сиёсӣ, истифодаи самараноки замин суҳбат кард.

Сипас, чанд нафар аз иштирокчиёни вохӯрӣ суханронӣ намуда, ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои хизматҳояшон миннатдорӣ карда, дархосту пешниҳодҳои хешро ба самъи Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон расониданд.

**Диловари МИРЗО, «Садои мардум»**

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ВИЛОЯТИ СУҒД



**(Идома аз саҳ. 1)**

Дохил ва роҳравҳои боғи навбунёд пурра бо гулу буттаҳои ороишию мавсимӣ сабзазор гардонида, дарахтони ороишӣ, гулҳои доимӣ ва мавсимӣ шинонда шудааст. Бо мақсади зебову назаррабо гардонидани боғ даромадгоҳ ва роҳравҳои он сафолакпӯш гардидааст. Мувофиқи нақшаи асосӣ дар боғ фаввора ва дигар таҷҳизоти дилхушкунанда насб гардидааст, ки аз ин пас сокинону меҳмонони шаҳри Конибодом дар ин макон истироҳат менамоянд.

Дар дохили он нишастгоҳҳо ва суҳбаткадаҳои замонавӣ насб гардидааст. Фароҳам овардани чунин шароит имконият медиҳад, ки наврасону ҷавонон ва дар маҷмӯъ кулли сокинони шаҳри Конибодом дар боғи навбунёду замонавӣ истироҳат намоянд.

Боғи истироҳатию фароғатии «Истиқлол» дар маркази шаҳри Конибодом дар доираи сиёсати фарҳангпарваронаи роҳбарияти Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ бунёд шудааст.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Конибодоми вилояти Суғд, инчунин, боғи кӯдаконаи «Кайҳон»-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Ба Пешвои миллат иттилоъ дода шуд, ки сохтмони боғи кӯдаконаи «Кайҳон» моҳи июни соли 2021 оғоз гардида буд.

Сохтмони боғи кӯдаконаи «Кайҳон» аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Обид Олимов сурат гирифта, арзиши иншоот, ки тарҳи муосиру замонавӣ дорад, 3 миллиону 500 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Ба сохтмони он мутахассисону устоҳои маҳаллӣ ҷалб шуда, бо маоши хуб таъмин буданд. Ин маркази дилхушии кӯдакона дар масоҳати 0,42 гектар сохта шуда, ба ҳусни шаҳри Конибодом зебоии дигар зам мекунад.

Бо мавриди истифода қарор гирифтани он 20 сокини маҳаллӣ соҳиби ҷои кори доимӣ шуда, бо маоши хуб таъмин гардиданд.

Дар боғчаи мазкур таҷҳизоти муосир барои бозиҳои бачагона насб гардидааст.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, ба фаъолияти коргоҳи коркарди меваи хушки Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Конибодом» расман оғоз бахшиданд.**

Коргоҳи коркарди меваи хушки Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Конибодом» аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Сафаралӣ Бобиев бо харҷи беш аз 3 миллион сомонӣ сохта шуда, он аз утоқи озмоишгоҳ, буғхона, утоқи муҳандис, анборхона ва дигар иншооти ёрирасон иборат мебошад.

Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Конибодом» солҳои зиёд аз кор монда буд. Он соли 2020 баъд аз таваққуфи 12-сола аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ дубора фаъол гардонида шуд. Акнун фаъолияташро васеъ карда, ба коркарди меваи хушк низ машғул хоҳад шуд.

Коргоҳи истеҳсолӣ аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Канд сохтмон» бунёд гардида, дар рафти сохтмон сокинони маҳаллӣ ҷалб шуданд. Иқтидори истеҳсолии коргоҳ коркарди 4 тонна меваи хушк дар як шабонарӯз мебошад. Маҳсулоти хом асосан аз ноҳияи Ашт, шаҳрҳои Исфара ва Конибодом ворид карда мешавад.

Дар коргоҳи зикршуда 25 нафар, асосан занони хонанишин ва ҷавондухтарони соҳибмаълумот, бо кори доимӣ таъмин гардида, шумораи кормандони он ба 40 нафар расид.

Маҳсулоти истеҳсолнамудаи коргоҳ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ буда, дар бозорҳои дохилӣ ба фурӯш бароварда шуда, ба хориҷи кишвар содирот низ мегардад.

Соҳибкори маҳаллӣ Сафаралӣ Бобиев нақша дорад, ки дар оянда дар шафати коргоҳи коркарди меваи хушк як сардхонаи дигар бо ғунҷоиши зиёда аз 300 тонна маҳсулот низ бунёд намояд ва теъдоди коргаронро афзоиш диҳад.

Баъд аз ифтитоҳи коргоҳи коркарди меваи хушк ва шиносоӣ бо фаъолияти он Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намоиши маҳсулоти корхона боздид намуданд. Дар намоишгоҳ намудҳои гуногуни афшураи помидор, зардолу, олу, помидор, хамираи помидор ва ғайра, ки дар коргоҳи Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Конибодом» истеҳсол мешаванд, ба маъраз гузошта шуд.

**Дар идомаи сафари корӣ дар шаҳри Конибодом Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи омодагиҳо ба таҷлили шоистаи ҷашнҳои бузурги таърихӣ - 30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар хиёбони Исмоили Сомонии шахр муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 7-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Иншооти мазкур дар доираи татбиқи сиёсати маорифпарваронаи роҳбарияти олии сиёсии Тоҷикистон бунёд шуда, дар бобати бо ҷои нишаст таъмин кардани хонандагон мусоидат хоҳад кард.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо имконияту шароити илмомӯзӣ дар иншооти тозабунёд ба сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд доданд ва ҳайати омӯзгоронро ҷиҳати талоши бештар ба харҷ додан ба сифати таълиму тарбия ва таҳкими ғояҳои худшиносиву худогоҳии насли наврас ҳидоят карданд.

Муассиса дорои 29 синфхона, 4 ҳуҷраи кори омӯзгорон, кабинетҳои муҷаҳҳази фаннӣ барои омӯзиши илмҳои дақиқу табиатшиносӣ, ошхона барои 75 нафар, маҷлисгоҳ барои 260 нафар, толори варзишӣ, китобхона ва бойгонӣ мебошад. Он барои қабули 1000 хонанда дар ду баст бо тарҳи ҷолиб ва ҷавобгӯ ба меъёрҳои муосири таълимӣ сохта, ба истифода дода шуд. Бинои нав бо системаи ягонаи гармидиҳӣ пайваст шудааст.



Дар иншооти тозабунёди таълимӣ, инчунин, ҷиҳати ҷалби густурдаи муҳассилин ба касбомӯзӣ марказҳои ҳунаромӯзиву маҳфилҳои эҷодӣ амал намуда, 42 омӯзгор фаъолияти доимӣ менамоянд, ки 41 нафари онҳоро бонувон ташкил медиҳанд. Ҳамаи мутахассисони ин даргоҳи илм омӯзгорони ҷавон мебошанд. Иттилоъ дода шуд, ки дар соли равон 22 нафар муассисаи таълимиро хатм карданд, ки 98 фоизи хатмкунандагон тавассути Маркази миллии тестӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат шомил шуданд.

Зимни шиносоӣ бо имкониятҳои мактаби нав Президенти мамлакат ба роҳбарияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дастур доданд, ки хазинаи китобхонаҳои муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ дар баробари таъмини адабиёти дарсӣ бо китобҳои бадеӣ низ комил карда шавад.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, Маҷмааи хизматрасонии «Тоҷи заррин» - ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Маҷмааи хизматрасонии «Тоҷи заррин» аз се ошёна ва таҳхона иборат буда, дар масоҳати 0,21 гектар ҷойгир шуда, барои қабули 300 нафар дар як вақт омода мебошад. Иншоот аз ҷониби соҳибкор Раъно Ҳоҷиматова бунёд гардида, бештар аз 30 коргари ҶДММ «Канд-сохтмон» корҳои сохтмониро ба анҷом расониданд. Дар Маҷмааи хизматрасонии «Тоҷи заррин» 30 нафар бо кори доимӣ таъмин шуданд ва барои бунёди он зиёда аз 6 миллион сомонӣ харҷ гардидааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар толори барҳавои Маҷмааи хизматрасонии «Тоҷи заррин» бо 100 ятими кулл аз шаҳри Конибодом ва ноҳияҳои Ҷаббор Расулову Бобоҷон Ғафуров мулоқот анҷом дода, ба онҳо туҳфаҳо тақдим карданд.

Ғамхориҳои ҳамешагии Пешвои миллат нисбат ба ятимону бепарасторон ва дигар табақаҳои эҳтиёҷманди ҷомеа хусусияти доимӣ касб карда, нишонаи раъиятпарварӣ ва татбиқи муваффақонаи сиёсати иҷтимоии роҳбарияти Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин, бинои Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Конибодомро ба истифода доданд.**

Он дар доираи нақшаи чорабиниҳо бахшида ба 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Кумитаи иҷроияи марказӣ ва вилоятии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Конибодом аз тариқи ҳашар бо сифати баланд бунёд гардидааст.

Мувофиқи лоиҳа, бино аз таҳхона ва ду ошёна иборат буда, барои кормандон шароити беҳтари корӣ муҳайё карда шуд. Ҳуҷраҳои корӣ бо компютер ва мизу курсии замонавӣ таъмин карда шудааст. Бояд зикр намуд, ки то имрӯз барои кормандон дар шаҳри Конибодом чунин шароити созгор мавҷуд набуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҳуҷраҳои корӣ дидан намуда, барои бунёди чунин бинои наву замонавӣ аҳсан гуфтанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Конибодом суҳбати озоду самимӣ анҷом дода, онҳоро барои фаъолияти софдилонаву содиқона ба нафъи давлату миллат ва амалӣ намудани ҳадафҳои олии ҳизб ҳидоят намуданд.

Ҷоиз ба зикр аст, ки дар таҳхона барои ба касбу ҳунаромӯзӣ фаро гирифтани ҷавонон, бахусус духтарони хонашин, курси омӯзиши компютерӣ, маҳфилҳои рассомӣ, сабадбофӣ, адрасу атласбофӣ ва тоқидӯзию сӯзанидӯзӣ ба роҳ монда шудааст. Ин иқдом имконият медиҳад, ки ҷавонон ба курси омӯзиши компютерӣ ҷалб шуда, технологияи иттилоотии коммуникатсиониро омӯзанд.

**12 августи соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Гулистони вилояти Суғд бинои Маркази адлияро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Иншооти нав бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маблағгузории Вазорати адлия ва сохторхои он бунёд шуд. Корҳои сохтмониро ҶДММ «Чашма»-и шаҳри Панҷакент бо сифати хуб ба иҷро расонидааст.

Иншоот аз ду ошёна бо таҳхона иборат буда, дар ошёнаи якум равзанаи ягона, китобхона бо китобҳои нависандагони маъруфи тоҷик ва дастурҳои соҳавӣ, утоқи кории кормандону мутахассисони Бахши сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар шаҳри Гулистон, дар ошёнаи дуюм ҳуҷраҳои кории нотариусони давлатӣ ва толори ақди никоҳ ҷой дода шудааст.

Зимни шиносоӣ бо имкониятҳои фароҳамшуда Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои бинокориву сохтмонӣ баҳои хуб дода, таъкид намуданд, ки кормандону мутахассисони мақомоти адлия дар самти татбиқи босамари стратегияву барномаҳои давлатӣ, хизматрасониҳои саривақтиву босифат ба аҳолӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва тарғибу ташвиқи одобу маърифати оиладорӣ саҳмгузор бошанд.

**Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин, бинои асосии табобатии Беморхонаи клиникавии шаҳрии №1-и шаҳри Хуҷандро баъд аз таъмиру азнавсозии куллӣ ва бинои маъмурияти беморхона, стансияи ёрии таъҷилии тиббӣ, чойхонаи миллӣ, меҳмонхона ва коргоҳи истеҳсоли оксигени тиббиро ифтитоҳ бахшиданд.**

Бинои асосии табобатии беморхона баъд аз 50 соли истифода бори нахуст пурра таъмир шуда, бо дастгоҳу таҷҳизоти муосири тиббӣ муҷаҳҳаз ва ба меъёру талаботи соҳаи тандурустӣ мутобиқ гардидааст.

Ин иқдом дар доираи таваҷҷуҳи Ҳукумати ҷумҳурӣ ба соҳаи тандурустӣ, ба талаботи замони муосир мутобиқ гардонидани шароити муассисаҳои тиббӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳри Хуҷанд амалӣ шуда, дар як сол ба анҷом расидааст.

Бинои асосии Беморхонаи клиникавии №1-и шаҳри Хуҷанд аз 4 ошёна иборат буда, масоҳати беш аз 5600 метри мураббаъро дар бар гирифта, аз 8 шуъба, аз ҷумла шуъбаи қабул, наҷот ва беҳискунӣ, ҷарроҳии калонсолон, иборат аст. Дар бино 72 ҳуҷраи бистаринамоии беморон барои 227 кати бепорӣ мавҷуд мебошад.

Дар ошёнаи якуми он шуъбаи қабул бо 20 ҳуҷраи ташхису муоинаи беморон таъсис ёфта, бо таъмини беш аз 20 намуди дастгоҳу таҷҳизоти муосир барои ташхис, муоина ва таҳлилҳои озмоишгоҳӣ шароити муосир фароҳам шудааст. Аз ҷумла, дастгоҳи томографии компютерӣ, рентгени рақамӣ, таҷҳизоти дарунгарӣ, ташхиси ултрасадоӣ, сабти барқии дил ва амсоли он имкон медиҳад, ки ташхис ва муоинаҳо дар сатҳи баланд ташкил ва гузаронида шаванд.Ҳамчунин, дар ошёнаи якум ҳуҷраҳои табиби амрози дарунӣ, дилшинос, амрози занона ва ҳуҷраи хатна таъсис дода шудааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ таъкид намуданд, ки табибон бо истифода аз ин шароит қабули беморон ва хизматрасониҳоро дар сатҳи баланд ба роҳ монанд ва ба масъалаи муомила бо беморон ва пайвандони онҳо диққати аввалиндараҷа диҳанд.

Дар беморхона усулҳои муосири ташхис, табобат, ҷарроҳиҳо бо истифода аз таҷрибаҳои тибби ҷаҳонӣ ҷорӣ мешаванд. Бо ин мақсад дар шуъбаи наҷот ва беҳискунӣ бори нахуст маркази машваратии тиббии онлайнӣ - фосилавӣ таъсис ёфтааст. Марказ бо мақсади ташкили робитаи онлайнӣ бо клиникаҳои пойтахти мамлакат ва муассисаҳои тиббии пешрафтаи як қатор давлатҳои хориҷӣ оид ба баррасии ташхисҳо, ҳолати бемор, рафти табобат ва дигар масъалаҳои марбут ба табобату ташхис тариқи консилиум фаъол шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарият, сардорони раёсат ва сармутахассисони соҳавии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, роҳбарони Маркази миллии тиббии «Шифобахш» ва Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» аз тариқи видеоконференсия суҳбат карданд.

Дар доираи нақшаҳои сохтмону азнавсозӣ дар Беморхонаи клиникавии шаҳрии №1 стансияи ёрии таъҷилии тиббӣ таъсис ёфта, дар ҳудуди он бинои дуошёнаи лоиҳавии нав сохта шудааст. Дар ошёнаи якуми бино маркази танзимгарӣ, ҳуҷраҳои корию истироҳатии табибону кормандон ва ронандагон бо ҳамаи шароит ташкил гардидааст. Ҳамчунин, дар шафати бино мошинсарои стансияи ёрии таъҷилии тиббӣ сохта шудааст.

Барои ба сатҳи байналмилалӣ баробар намудани хизмати ёрии таъҷилии тиббӣ дар он маркази танзимгарии пайваст ба системаи идоракунии рақамии қабулу сабт ва ташкили ёрии таъҷилӣ ва маркази тамоси электронӣ таъсис дода шудааст. Ин усули пешрафта имкон медиҳад, ки муроҷиат ва дархост ба ёрии таъҷилӣ мутобиқи меъёрҳои қабулшуда сабту танзим ва фиристонидани мошини ёрии таъҷилӣ ба роҳ монда шавад.

Беморхонаи клиникавии шаҳрии №1 яке аз муассисаҳои тиббии асосӣ дар вилояти Суғд буда, дар баробари сокинони шаҳри Хуҷанд ба сокинони шаҳру ноҳияҳои дигари вилоят хизмати тиббӣ мерасонад. Мувофиқ ба талабот ва зарурат дар муассиса ошхона, чойхонаи миллӣ ва меҳмонхона барои аёдаткунандагон, хешовандон ва пайвандони беморон бунёд шудааст.

Бо азнавсозӣ ва муҷаҳҳазгардонии бинои асосии Беморхонаи клиникавии шаҳрии №1 шароити муосир ва мутобиқ ба стандартҳои ташхису табобат фароҳам гардида, дар ошёнаҳои дуюм, сеюм ва чоруми беморхона шуъбаҳо бо катҳои муолиҷавӣ, нуқтаҳои санитарӣ-гигиенӣ, ошхона, лифт ва дигар хизматрасониҳои зарурӣ барои фаъолияти табибон ва истифодаи беморон муҳайё шудааст.

Дар беморхона табибони соҳибтаҷриба ва мутахассисони ҷавон фаъолият доранд, ки дар самти ташхис, табобат ва ҷарроҳӣ эътироф гардидаанд. Шароити замонавии фароҳамовардашуда, дастгоҳу таҷҳизоти замони муосир барои боз ҳам баланд бардоштани сифати хизматрасонии тиббӣ, ҷорӣ намудани усулҳои наву муосири ташхису табобат ва ҷарроҳиҳо имконияти васеъ мебошанд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, дар шаҳри Хуҷанд муассисаи таҳсилоти томактабии рақами 18-и ба номи «Шукуфаи Истиқлол»-ро мавриди истифодабарӣ қарор доданд.**

Бинои нави муассиса бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд ва бо фармоиши идораи сохтмони асосии шаҳри Хуҷанд аз ҷониби сохтмончиёни ҶДММ «Тавфиқ» бо тарҳи замонавӣ ва сифати баланд бунёд гардид.

Корҳои сохтмонӣ аз моҳи декабри соли 2021 оғоз гардида, дар 8 моҳ ба анҷом расид. Барои сохтмони бино маҳсулоти хушсифати ватанӣ истифода шудааст.

Муассисаи таълимии томактабии «Шукуфаи Истиқлол» аз таҳхона ва 3 ошёна иборат буда барои таълими 250 кӯдак пешбинӣ шудааст. Дар он 13 мураббӣ дар 10 гурӯҳ ба таълиму тарбияи дӯстрӯякон машғуланд.

Ба ғайр аз синфхонаҳои тарбиявӣ дар муассиса ошхона,толорҳои варзишию мусиқӣ, ҳуҷраи тиббӣ ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон мавҷуд мебошанд. Дар саҳни муассиса ҳавзи шиноварӣ бо фаввора, айвончаҳои фароғатию машғулиятӣ ва майдончаҳои бозии кӯдакон бунёд шудааст. Деворҳои саҳни муассиса бо расмҳои қаҳрамонҳои афсонаҳои халқи тоҷик оро дода шудаанд. Чароғҳои замонавӣ ва гулҳои рангоранг ба ин бинои замонавӣ ҳусни дигар зам мекунанд.

Зимни боздид аз муассисаи таҳсилоти томактабӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарият ва мураббиёни он дастур доданд, ки таълиму тарбияро дар сатҳи баланд ба роҳ монда, дар тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ саҳми арзанда гузоранд, то дар оянда шогирдони онҳо барои пешрафти Тоҷикистони азиз хизмат намоянд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин, дар маҳаллаи 8-уми шаҳри Хуҷанд бинои нуҳошёнаи истиқоматиро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Қобили зикр аст, ки дар асоси дастуру супоришҳои Президенти мамлакат бо мақсади дастгирии мутахассисони соҳаҳои гуногун бинои бисёрошёнаи истиқоматӣ бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд бунёд гардидааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кормандони соҳаҳои маорифу тандурустӣ ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ калиди манзилҳои нави истиқоматиро тақдим намуданд. Маҳз бо ғамхориҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 45 нафар дар ин бинои хуштарҳу зебо соҳиби хонаҳои истиқоматӣ гардиданд ва барои ташаббуси инсондӯстона ба Ҳукумати мамлакат миннатдорӣ намуданд.

Дар бинои нуҳошёнаи истиқоматӣ 10 манзили якҳуҷрагӣ, 18 дуҳуҷрагӣ ва 17 сеҳуҷрагӣ ҷой дода шудааст. Фармоишгари иншоот Идораи сохтмони асосии вилояти Суғд буда, корҳои сохтмониро ширкатҳои ватанӣ мутобиқ ба талаботи меъморӣ анҷом додаанд.

Хонаҳои истиқоматӣ мувофиқ ба талаботи рӯз бунёд шуда, дар бинои баландошёна лифт низ насб гардидааст. Дар саҳни бинои истиқоматӣ майдончаҳои бозӣ барои кӯдакон, таваққуфгоҳ барои нақлиёт сохта шуда, атрофи иншоот сабзу хуррам аст.

Дар асоси сиёсати бунёдкоронаи Ҳукумати мамлакат дар шафати бинои нуҳошёна чойхонаи миллӣ бо санъати баланди меъморӣ сохта шудааст. Чойхонаи «Темурмалик» бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд бунёд гардида, дар он маркази ҳунармандӣ, сартарошхона ва дигар нуқтаҳои хизматрасонӣ барои сокинони маҳаллаи 8-уми шаҳри Хуҷанд ташкил шудааст.

Дар шафати бинои нуҳошёнаи истиқоматӣ лоиҳаи бунёди се бинои баландошёна ва мактаби нави инноватсионӣ муаррифӣ шуд.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маълумот доданд, ки биноҳои баландошёнаи иҷтимоӣ ва мактаби нави инноватсионӣ бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд сохта мешавад. Иншоот аз таҳхона, 4 ошёна ва хобгоҳ иборат буда, барои 640 нафар хонанда дар як баст пешбинӣ гардидааст.

Дар ҳамон ҷо Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо 100 ятими кулл, ки ҳамеша аз таваҷҷуҳ ва ғамхориҳои Ҳукумати мамлакат бархӯрдор ҳастанд, мулоқот намуданд. Ба 100 ятими кулл аз шаҳрҳои Хуҷанду Бӯстон, ноҳияҳои Спитамен ва Зафаробод, инчунин, мактаб - интернати назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд туҳфаҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тақдим гардид. Ин туҳфаҳо аз маблағ, маҷмӯи либоси мактабӣ ва лавозимоти хониш иборат буда, боиси хушҳолӣ ва сарфарозии ятимони кулл гардид.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хуҷанд Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ортопедия ва технологияи муосир»-ро низ мавриди истифода қарор доданд.**

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ортопедия ва технологияи муосир» аввалин маркази махсусгардонидашудаи осебшиносӣ ва раддодӣ дар ҷумҳурӣ буда, бо таҷҳизоти замонавии ташхису табобат муҷаҳҳаз мебошад.

Бинои марказ аз 3 ошёна иборат буда, дар ошёнаи якум қабулгоҳ, ташхисгоҳ, дармонгоҳ, шуъбаи рентгени рақамӣ ва стоматологӣ, 14 ҳуҷраи кори кормандон ҷойгир аст.

Ошёнаи дуюми он аз 16 ҳуҷра: эҳё, доругузаронӣ, офият, ҳуҷраҳои хонаи духтурон, оростакорон, осебшиноси раддоди калонсолон, ҳамчунин, 8 ҳуҷра барои бистарӣ намудани беморон иборат аст.

Ҳар як ҳуҷраи бистарии беморон барои ду нафар буда, бо кати функсионалӣ, телевизор, яхдон ва бо шароити лозимаи гигиенӣ таъмин мебошанд.

Дар ошёнаи сеюм ду амалиётхона, ҳуҷраҳои тамизгардонӣ, малҳамбандӣ, ҳуҷраи духтурон, шуъбаи осебшиносӣ, раддоди бачагона, 7 ҳуҷра барои бистарии беморон сохта шуда, дар онҳо ҳама шароити зарурии будубоши табобатгирандагон муҳайё шудааст. Беморone, ки дар марказ табобат мегиранд, чор маҳал бо хӯрок таъмин мешаванд.

Зимни шиносоӣ бо фаъолияти марказ ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, таҷҳизоти тиббӣ аз Кореяи Ҷанубӣ, Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Халқии Хитой бо харҷи як миллиону яксаду панҷоҳ ҳазор сомонӣ дастрас шуд.

Дар марказ дастгоҳҳои артоскопӣ, рентгени рақамӣ, таҷҳизоти электронӣ - оптикӣ, ултрасадо, денситометрия, кардиомонитор, тамизгардонӣ, мизи ҷарроҳӣ, кати функсионалии «Армед» истифода мегардад.

Самти дигари фаъолияти марказ таълимӣ буда, дар он хатмкардагони донишгоҳҳои тиббӣ метавонанд такмили ихтисос, давраи интернатура ва ординатураи клиникавиро гузаронанд. Қобили зикр аст, ки ба шарофати ба истифода дода шудани он 30 мутахассиси соҳаи тиб ва дигар шаҳрвандони касбу корашон гуногун бо ҷои кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардиданд.

**(Аз идомаи сафари кории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шумораи оянда иттилоъ дода мешавад).**

www.president.tj

Роғун – арсаи нанг



# Мурод САЪДУЛЛОЕВ:
# «ҲАР ЯК БОЗДИДИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МАСЪУЛИЯТИ БУНЁДКОРОНИ НБО «РОҒУН» – РО ДУЧАНД МЕКУНАД»



**Дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол 16 ноябри соли 2018 санаи муҳиму сарнавиштсоз ба ҳисоб меравад, зеро дар он рӯз барои расидан ба истиқлолияти комили энергетикӣ қадами устувор гузошта шуд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон агрегати нахустини Неругоҳи барқи обии «Роғун» - ро дар вазъияти тантанавӣ ба истифода супурданд. Баъдан, 9 сентябри соли 2019 рӯйдоди муҳими дигар - ба кор даровардани агрегати дуюми НБО «Роғун» дар таърих сабт шуд. Ҳоло корҳои сохтмонӣ барои ба кор даровардани агрегати сеюми неругоҳ чараён дорад.**

**Суҳбати хабарнигори рӯзнома бо муовини директори техникии НБО «Роғун» Мурод Саъдуллоев доир ба ҳамин мавзӯъ сурат гирифт.**

- Аз рӯи нақша, агрегати сеюми Неругоҳи барқи обии «Роғун» соли 2025 ба истифода дода мешавад. Ҳоло қисми зиёди корҳои сохтмониро ба итмом расонидаем, - иброз дошт дар оғози суҳбат Мурод Саъдуллоев ва афзуд: - Тибқи барномае, ки тартиб дода шудааст, агрегати мавриди назар аз сохтмони обқабулкунак шурӯъ шуда, феълан кор дар лӯлаҳои обрасон, лӯлаҳои обпарто ва бинои трансформаторҳо идома дорад. Боварӣ дорем, ки дар муҳлати муайяншуда корҳо ба анҷом мерасанд.

**- Тавре маълум аст, иқтидори ҳар як агрегати НБО «Роғун» 600 МВт аст. Оё имкони каму зиёд шудани иқтидори онҳо вуҷуд дорад?**

- Сарбанди неругоҳ бо баландии 335 метр баландтарин садди заминӣ (гиливу сангӣ) дар ҷаҳон ба ҳисоб рафта, бо иқтидори 3600 мегаватт (беш аз 17 миллиард киловатт/соат) калонтарин неругоҳи барқи обӣ дар минтақа хоҳад буд. Ин нишондиҳанда нисбат ба иқтидори истеҳсолии НБО «Норак» якуним баробар зиёд аст. Ғунҷоиши об дар обанбори он 13,3 километри мукаабро ташкил хоҳад дод.

Имкони кам шудани иқтидори агрегати сеюм вуҷуд надорад.

**- Баъд аз бунёди агрегати сеюм масъалаи таъминоти об ба дигар неругоҳҳои поёноб чӣ гуна мешавад?**

- Барои ба кор даровардани агрегати навбатии НБО «Роғун» бояд зиёда аз 1,5 млрд. метри мукааб об ҷамъ кунем ва вақте ки онро ба кор медарорем, ҳаҷми умумии обанбор ба 2 млрд. метри мукааб мерасад. 1,5 млрд. метри мукааб об агар мавсими зимистон дар НБО «Роғун» истифода шавад, маънои онро дорад, ки ҳамин об дар зимистон ба неругоҳҳои поён низ мегузарад. Яъне, ҳамаи неругоҳҳои поён низ имкон пайдо мекунанд, ки аз ҳамин об неруи иловагӣ истеҳсол намоянд.

Дар мамлакат фасли зимистон талабот ба неруи барқ меафзояд, лекин дарёҳо камоб мешаванд, ки ин боиси танқисӣ кашидани мардум аз неруи барқ мегардад. Иқдоми зикршуда имкон медиҳад, ки иқтидори неругоҳҳои поён (аз НБО «Норак» то каскади неругоҳҳои дарёи Вахш) аз ҳисоби оби иловагие, ки аз НБО «Роғун» ба поёноб партофта мешавад, дар зимистон аз 15 то 20 фоиз зиёд шавад. Бо ин роҳ истеҳсоли барқ дар ҷумҳурӣ, дар НБО «Роғун» ва дигар неругоҳҳои барқи обӣ зиёд мегардад.

**- То ҷое иттилоъ дорем, неругоҳи мазкур дар обёрии заминҳо низ саҳим хоҳад буд...**

- Нақшаи НБО «Роғун», ки дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ тарҳрезӣ шуда буд, ду вазифаи асосӣ дошт: истеҳсоли неруи барқ ва беҳтар кардани обёрии заминҳо. Бо шарофати неругоҳи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то 100 ҳазор гектар замин обёрӣ шуда, ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Туркманистон метавонанд ҳолати мелиоративии заминҳояшонро беҳтар карда, заминҳои навро ба гардиши кишоварзӣ ворид намоянд.

Обе, ки захира карда мешавад, имкони таъмини бисёрсолаи онро дар минтақаи Осиёи Марказӣ фароҳам менамояд. Зимистон обро ба поёноб медиҳем, онҳо обро дар обанбор захира карда, вақти зарурӣ ба шаҳрҳо ё минтақаҳое, ки ба об ниёз доранд, интиқол медиҳанд. Ба ин васила бухоршавии об кам шуда, оби дар обанбор ҷамъгардида самаранок истифода мешавад. Обанбори НБО «Роғун» имкони нигоҳдории бисёрсолаи обро дорад. Мавҷудияти обанборҳо дар минтақаи кӯҳистон аз он ҷиҳат муфид аст, ки солҳои камобӣ дар мувофиқа бо дигар ҷумҳуриҳо метавонем як қисми обро ба онҳо диҳем ва солҳои серобӣ онро барқарор кунем.

**- Агрегати сеюми НБО «Роғун» аз кадом давлат ворид мегардад?**

- Барои сохтани агрегатҳои се, чор, панҷ ва шашуми неругоҳ бо ширкати австриягии «Фойт» шартнома ба имзо расидааст. Ширкати мазкур дар муҳлате, ки ба кор даровардани агрегатҳо ба нақша гирифта шудааст, онҳоро тайёр карда, ба ҷумҳурии мо интиқол медиҳад. Дар ин самт кор шурӯъ ва як қисми маблағ пардохт карда шудааст. Дар навбати аввал, онҳо тайёр кардани чарххои доимии агрегатҳои якум ва дуюмро, ки бо чарххои муваққатӣ кор карда истодаанд, ба зимма гирифтаанд. Тибқи нақша, соли 2024 бояд ин чарххоро низ иваз кунем. Ғайр аз ин, ширкати мавриди назар турбинаҳо ва трансформатори баландшиддатро барои агрегати сеюм истеҳсол менамояд.

Илова бар ин, зиёда 2000 тонна фулузоте, ки барои лӯлаҳои обрасон лозим аст, дастрас гардид ва барои қабули оҳанфулузоти навбатӣ, ки дар солҳои наздик зарур аст, шартнома ба имзо расид.

**- Таносуби мутахассисони ватанӣ ва хориҷӣ чӣ гуна аст?**

- Айни ҳол дар сохтмони НБО «Роғун» 10 ҳазору 517 нафар, аз ҷумла 332 мутахассиси хориҷӣ, фаъолият доранд.

Қисми корҳои дохили неругоҳ аз ҷониби ширкати ватании ТГЭМ - «Тоҷикгидроэлектромонтаж» ба анҷом расонида мешавад. Ин ширкат дар васлу насб ва иҷрои корҳои сохтмонии агрегатҳои якум ва дуюм таҷрибаи хуб дорад. Дар қисмати лӯлаҳои обрасон бошад, ду ширкат пудратчии генералӣ буда, дигар пудратчиҳо дар назди онҳо ёрирасонанд. Дар маҷмӯъ, ширкатҳо хориҷӣ бошанд ҳам, коргаронашон маҳаллианд.

**- Чанде пеш Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рафти корҳои сохтмони НБО «Роғун»- ро аз назар гузарониданд...**

- Бешубҳа, ҳар як ташрифи Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон боиси пешравист, зеро бо ташриф овардани Пешвои миллат масъулияти сохтмончиёни иншооти бузурги аср дучанд шуда, кор суръат мегирад. Дар сафари чанде пеш анҷомдодаашон низ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супоришҳои мушаххас дода, таъкид карданд, ки моҳи декабр омада мебинанд, ки супоришҳо то кадом дараҷа иҷро шудаанд. Биноан, тамоми кӯшишро ба харҷ дода истодаем, то фаъолият дар сатҳи хубу сифати баланд роҳандозӣ гардад.

**Мафтунаи ҲИСОРӢ, «Садои мардум»**

# ОБОДӢ САМАРАИ ТАШАББУСКОРӢ АСТ

**Дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини рушди иқтисодиву иҷтимоии ноҳияи Ванҷ ва пешрафту ободии он аз ҳисоби буҷети давлатӣ зиёда аз 680 миллион сомонӣ равона гардида, 100 иншоот бунёд шуд.**

Илова бар ин, аз дигар сарчашмаҳои маблағгузорӣ 150 иншоот ба маблағи 70 миллион сомонӣ бунёду азнавсозӣ гардид.

Сохтмони пули мошингузар дар деҳаи Потови деҳоти «Ҷовидон», бинои шуъбаи КДАМ, бинои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, қасри фарҳанг, мактаби замонавӣ, сохтмон, чароғон ва асфалтпӯш кардани кӯчаҳои маркази ноҳия дастовардҳои замони соҳибистиқлоланд.

Дар заминаи татбиқи 7 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ дар 30 соли охир 182 миллион сомонӣ аз худ гардида, 79 иншооту биноҳои таъиноти иҷтимоиву истеҳсолӣ бунёду азнавсозӣ шуданд. Бо ташаббуси соҳибкорон ва сокинони бонангу номуси ноҳия низ даҳҳо иншооти иҷтимоиву хизматрасонӣ бунёд гардиданд.

Аз ҷумлаи корҳои муҳим дар ин минтақа азнавсозии шоҳроҳи Қалъаихумб – Ванҷ буда, ба гуфти мутахассисон, он мушкилтарин мавзеи шоҳроҳ ба шумор меравад. Масофаи роҳи зикргардида 93 километр, буда, дар ин роҳ сохтмони 15 пул ва 2 нақб пешбинӣ шудааст.

Дар ноҳия ҳоло 5 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 13 миллион сомонӣ амалӣ гардида, ҷиҳати бо неруи барқ таъмин намудани аҳолӣ низ корҳои зиёд анҷом дода шуданд.

Таҷдиди НБО «Техарв» - и деҳоти «Техарв» ва НБО «Андарбаг» - и деҳоти «Язгулом» аз тарафи ширкати «Помирэнерҷи» далели ин аст. Дар баробари ин, аз тарафи ширкати мазкур хатти баландшиддати интиқоли барқи 35 кВт/соат –и «Вознавд – Дашти Язгулом – Мотравн» ба анҷом расид, ки сокинони водии Язгуломи ноҳияи Ванҷ бо қувваи барқ таъмин гардиданд.

**Пайшамбӣ ШОҲЗОДА, «Садои мардум»**

# ВАРЗИШГОҲЕ, КИ 10 СОЛ БОЗ СОХТМОНАШ БА ОХИР НАМЕРАСАД



**Сохтмони Варзишгоҳи марказии ноҳияи Кӯшониён бо гузашти даҳ сол ҳанӯз ба охир нарасидааст. Дар иншооти мазкур аллакай зиёда аз як миллион сомонӣ масраф шудааст. Аммо бо сабаби тӯл кашидани корҳои сохтмонӣ, қисмати бунёдшудаи варзишгоҳ дубора таъмирталаб шудааст.**

Ба иттилои мудири Бахши кор бо ҷавонон ва варзиши ноҳияи Кӯшониён Шукрона Маҳмадализода, сохтмони варзишгоҳ ба зиммаи Раёсати сохтмони асосии вилояти Хатлон вогузор аст.

- Бо вуҷуди он ки варзишгоҳ ба талабот ҷавобгӯ нест, аз ноилоҷӣ дар он мусобиқаҳои варзиширо баргузор менамоем. Чандин маротиба перомуни ин масъала ба мақомоти маҳаллӣ муроҷиат кардем. Ваъда буд, ки бояд дар арафаи ҷашни 30 - солагии Истиқлолияти давлатӣ сохтмони он ба анҷом расад. Аммо аз сабаби пайдоиши бемории коронавирус корҳои сохтмонӣ қатъ гардиданд. Соли ҷорӣ низ ба мақомоти маҳаллӣ муроҷиат кардем. Тибқи ваъда, бояд имсол варзишгоҳ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шавад, - гуфт Ш. Маҳмадализода.



Сардори шуъбаи соҳаҳои иқтисодии Сарраёсати молияи вилояти Хатлон Холмаҳмад Одинаев зимни суҳбат бо мо гуфт, ки тибқи номгӯи иншооти сохташавандаи вилояти Хатлон, ки аз ҳисоби буҷети вилоят маблағгузорӣ мешаванд, аз соли 2012 то 2014 дар маҷмӯъ, барои корҳои сохтмонии Варзишгоҳи марказии ноҳияи Кӯшониён 716 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, аз соли 2015 то соли 2020 дигар маблағгузорӣ нашуд. Соли 2020 тибқи нақша мебоист 1 миллион сомонӣ ҷудо мегардид. Аз сабаби беморecho COVID-19 бо қарори раиси вилояти Хатлон 500 ҳазор сомонии он кам карда шуд. Бо вуҷуди ин соли 2020 барои идомаи корҳои сохтмонии варзишгоҳ 600 ҳазор сомонӣ ва барои сохтмони варзишгоҳ 1 миллиону 316 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст.

- Арзиши лоиҳавии сохтмони варзишгоҳ 5 миллиону 551,2 ҳазор сомониро дар бар мегирад. Барои он ки сохтмон пурра ба анҷом расад, боз 4 миллиону 224,5 ҳазор сомонии дигар лозим аст. Аммо соли ҷорӣ барои идомаи корҳои сохтмонӣ маблағ ба нақша гирифта нашудааст, - мегӯяд Холмаҳмад Одинаев.

Ба ин савол, ки чаро маблағи ба нақшагирифташуда барои ба анҷом расидани корҳои сохтмонии варзишгоҳ пурра ҷудо намешавад Холмаҳмад Одинаев чунин посух дод:

- Бояд Раёсати сохтмони асосии вилояти Хатлон ба Раёсати рушди иқтисод ва савдои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ҳар сол нақшаи маблағгузории сохтмонҳоро пешниҳод намояд. Аз сабаби он ки пешниҳод намешавад, маблағгузорӣ низ намешавад. Сарраёсати молияи вилояти Хатлон танҳо дар асоси нақшаи иҷрои кор маблағгузорӣ мекунад.

Талошҳои мо барои суҳбат бо сардори Раёсати сохтмони асосии вилояти Хатлон Саъдуллозода Абдулвоҳид бенатиҷа анҷом ёфт. Номбурда ба зангҳои пай дар пайи телефонӣ ҷавоб надод. Мутаассифона, ӯро дар ҷои кораш ҳам пайдо карда натавонистем.

Зимни нишасти матбуотии раёсати зикршуда аз Саъдуллозода Абдулвоҳид идомаи корҳои сохтмонии варзишгоҳро пурсон шудем.

Ӯ дар ҷавоб гуфт:

- Тақдири минбаъдаи сохтмони варзишгоҳ айни ҳол номаълум аст. Аз ҳисоби буҷети вилоят барои идомаи корҳои сохтмонӣ дар соли 2022 маблағ пешбинӣ нашудааст.

Сардори Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Хатлон Қурбонзода Қурбоналӣ зимни суҳбат гуфт, ки аз вазъият огоҳ мебошад.

- Тасмим гирифтаем, ки ба Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуб равон намоем. Шояд масъулини он барои дарёфти маблағ кумак намоянд, - гуфт Қ. Қурбонзода.

Агар варзишгоҳи маркази ноҳия ба талаботи замон ҷавобгӯ бошад, дастовардҳои варзишгарони ноҳияи Кӯшониён беҳтар хоҳад шуд. Масъулинро зарур аст, ки корҳои сохтмониро дар варзишгоҳ вусъат бахшанд.

**Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

Дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ

# СИПАР АЗ НАНГ ДОРАД МАРДИ РОҲБОН

**Аз даврони шӯравӣ то ба имрӯз хеле зиёд бо роҳи Душанбе -Хуҷанд тавассути нақлиёти рӯизаминӣ сафар кардаам. Воқеан ҳам, дар ин масофаи тӯлонӣ (беш аз 300 километр) мушкилоту ноороҳатӣ низ зиёд аст. Пештар дар ҳафт - ҳашт соат ин масирро убур мекардед ва баъди ба макон расидан хастагии мусофирон ва ронанда хеле зиёд буд. Хушбахтона, таи даҳсолаҳои охир ба шарофати Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иқдомҳои ватандӯстонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон азнавсозӣ ва ободии роҳҳо, аз ҷумла дар масири Душанбе - Хуҷанд вазъ ба таври ғайричашмдошт дигаргун шуд.**




Акнун мумкин аст ин масофаро дар чор – панҷ соат тай кунед ва бинобар ҳамвору ободии роҳҳо ҳам мусофирон ва ҳам ронандагон роҳату осудагии бештарро эҳсос менамоянд. Ин як ҷониби масъала. Агар жарфтар андеша кунед, роҳҳои обод боиси рушди иқтисодиёт, иҷтимоёт ва тамоми соҳаҳои дигари хоҷагии халқ аст. Аз ин хотир, роҳҳо аҳамияти ҳаётӣ доранд ва беҳуда дар кишвари тозаистиқлоламон баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлат муайян нашудааст. Хушбахтона, ин нақшаи бунёдкорона, ки аз таваҷҷуҳи доимӣ ва иқдомоти дурандешонаи Сарвари давлат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маншаъ мегирад, амалӣ гашт ва имрӯз дар тамоми гӯшаю канори мамлакат роҳҳои паҳнбару обод дар хизмати мардум қарор доранд. Агар пештар дар мавсими зимистон ба баъзе минтақаҳои Тоҷикистон тавассути нақлиёти рӯизаминӣ рафтан имкон надошт, айни ҳол дар ҳама фасли сол, ҳатто дар минтақаҳои дурдасти кӯҳистон, роҳҳо кушодаанд.

Бунёду таҷдиди роҳ кори муҳиму арзишманд ва савоб аст. Аммо бе нигоҳубини хуби роҳҳо он самараовар нахоҳад буд. Махсусан дар шароити кӯҳистон роҳҳо назорату нигоҳубини мунтазамро талаб мекунанд. Ин ҷониби масъала низ зери таваҷҷуҳу тадбирандешиҳои роҳбарону мутахассисон қарор дорад. Дар ин бобат таҷрибаи филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили зикр аст, ки инак, 13 сол боз дар кишвар фаъолият мекунад. Тавре маълум аст, солҳои аввали ҷоришавии низоми толлингӣ дар кишвар фикрҳои интиқодӣ нисбати он зиёд буд. Бо вуҷуди он ки баъзе «коршиносон» рисолати филиали «IRS» - ро танҳо «пулчинӣ» арзёбӣ карданд, имрӯз вақт исбот кард, ки фаъолияти «IRS» манфиатовар аст ва саҳми он дар рушди иқтисоду тиҷорат ва иҷтимоиёт арзанда мебошад.

Собит шуд, ки пулакӣ кардани ин роҳ тадбири оқилона буда, пеш аз ҳама, ба беҳдошти ҳолати роҳи стратегии кишвар дахл дорад. Маблағи дар ин самт пардохтнамудаи аҳолӣ пурра барои дар ҳолати хуб нигоҳ доштани роҳ, беҳтар намудани инфрасохтори нигоҳдории он ва харидории техникаву механизмҳои замонавӣ харҷ мешавад.

Тибқи маълумоти Маркази матбуоти ширкати мазкур, аз оғози фаъолият аз ҷониби «IRS» зиёда аз 2 миллион метри мураббаъ роҳи Душанбе – Чаноқ таъмиру азнавсозӣ шуда, бо ин мақсад зиёда 23 ҳазору 595 тонна асфалт сарф карда шуд. Дар ин муддат нигоҳдорӣ ва азнавсозии 36 кӯпруки ин масир бо хароҷоти ниҳоят зиёд амалӣ гардид. Масалан, 3 пули калон, ки дарозии ҳар кадомаш аз 42 то 73 метр аст, пурра азнавсозӣ шудаанд. Ҳангоми таҷдиди роҳи Душанбе - Чаноқ аз рӯи лоиҳа деворҳои ҳимоявӣ (парпетҳо) вуҷуд надоштанд ва аз ин лиҳоз, сохта нашуд. «IRS» бо ташаббуси худ, баҳри таъмини бехатарии шаҳрвандон дар масофаи 15000 метри тӯлонӣ чунин деворҳоро бунёд кард, ки то ин вақт чандин ҳамватанонамонро аз марг наҷот додааст. Мисоли дигар, дар масире, ки роҳи Душанбе - Чаноқ ҷойгир аст, ягон корхонаи истеҳсоли асфалт ва дигар масолеҳи сохтмонии барои бахши роҳсозӣ зарур вуҷуд надошт. Тӯли 13 сол дар ҳудуди ноҳияи Варзоб 3 корхона, Зарафшон - 3, Суғд 4 корхона, дар маҷмӯъ, 10 корхона мавриди истифода қарор гирифтанд. Бо мақсади таъмини фаъолияти муназзами корхонаҳои мазкур харидории битум ва бо тавсеа ёфтани таъмиру азнавсозии роҳ, бартарафсозии тармаҳо, соҳилмустаҳкамкунӣ ва ғайра харидории сӯзишворӣ хеле афзуда, ҳар сол ҳаҷми зиёди ин мавод дастрас мешавад, - иттилоъ доданд аз Маркази матбуоти ширкати мазкур.

Ҳоло дар филиали ширкат 872 нафар фаъолият доранд (соли 2009 кормандони филиали ширкат ҳамагӣ 24 нафар буданд). Дар маҷмӯъ, зиёда аз 50000 нафар ба шарофати мавҷудияти филиали ширкат манбаи даромад доранд. Мутаассифона, дар 13 соли фаъолият 10 корманди «IRS» ҳангоми иҷрои вазифа, яъне таъмини ҳаракати бехатарии истифодабарандагони роҳ ҳалок шуданд.

Тавре ишора кардем, аҳамияти роҳи Душанбе - Чаноқ ба сифати пойгоҳи асосӣ барои таъмини фаъолнокии иқтисодии мамлакат низ зиёд аст. Барои мисол, солҳои 2009 - 2018, замони мавҷудияти маҳдудияти марзӣ ҳама молу мавод ва маҳсулот тавассути ин роҳ интиқол дода мешуд. Аз ин бармеояд, ки роҳи моҳияти стратегидошта дар раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ низ саҳми арзанда гузоштааст.

- Бо мақсади дастгирии сиёсати иҷтимоии давлат, бо вуҷуди он ки маҳдудияти мавсимӣ ҷорӣ мешавад, барои гузариши нақлиёти гаронвазне, ки ба марказҳои барқу гармидиҳӣ ангишт мекашанд, чунин маҳдудият ҷорӣ нашуд. Ҳол он ки ин иқдом боиси осеб дидани масофаи зиёди роҳ ва хароҷоти бениҳоят зиёди «IRS» гашта истодааст. Бо ин амал «IRS» дар омодагӣ ба зимистонгузаронии сокинони пойтахт то андозае мусоидат намуд. Бо дарназардошти мавқеи ҷуғрофии ҷойгиршавӣ роҳи Душанбе - Чаноқ нигоҳубини 24 - соатаро талаб менамояд. Нигоҳдории роҳ масъулияти ҳарлаҳзаинаро тақозо менамояд ва дар сурати каме бетафовутӣ мушкили зиёд рӯи кор меояд. Агар дар фасли тирамоҳу зимистон кормандони «IRS» ба бартараф намудани тармаҳо, мунтазам тоза намудани роҳ аз барф ва коркарди он бо маводи зиддилағжиш машғул шаванд, дар мавсими гармо таъмиру таҷдиди роҳ, рафъи пайомади бориши борон, омадани сел, лағжиши кӯҳпора, соҳилмустаҳкамкунӣ самти асосии фаъолият аст,- гуфт директори филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Нодирҷон Сафаров ва меафзояд: - Дар солҳои 2013 - 2016 бо мақсади амалӣ намудани сиёсати иҷтимоии корпоративии худ «IRS» лоиҳаи нигоҳдории қитъаи Нуробод - Нимич дар шоҳроҳи Душанбе - Рашт - сарҳади Қирғизистон (дар масофаи 73 километр)-ро бе мақсади гирифтани фоида татбиқ намуд. Ба ин восита филиали ширкат дар тамдиди муҳлати истифодаи яке аз роҳҳои дигари аҳамияти стратегидошта саҳм гузошт.

Ин нукта низ боиси зикр аст, ки фаъолияти «IRS» дар шароити аз нигоҳи ҷуғрофӣ душвори кӯҳистон пеш меравад. Дар ин самт баъзан ҳодисаҳои ғайричашмдошт ба амал омада, кори таъмиргаронро мушкил ва дучанд мегардонад.

Ҳоло «IRS» соҳиби пойгоҳи пурқуввати техникӣ буда, шумораи техникаву механизмҳо ба 210 адад расидааст. Роҳбарияти ширкат ният дорад пойгоҳро бо техникаю механизмҳои муосир боз ҳам пурра гардонад, зеро бе иҷрои ин кор, тибқи талабот, роҳандозӣ намудани фаъолият ғайриимкон аст.

Вақте бо фаъолияти ширкат шиносӣ пайдо кардем, маълум гашт, ки он гуногунҷанба буда, тӯли 13 соли фаъолият корҳои назаррасро ба анҷом расонидааст. Аз ҷумла, бо мақсади бароҳат намудани гузариши плазаҳо, дар плазаҳои толлингӣ паҳноии роҳ аз 7 метр ба 50 метр зиёд шуда, теъдоди хатҳои гузариш аз 2 ба 8-то расид. Дар ин раванд технологияи аврупоӣ мавриди истифода қарор дода шуд. Ёдрас мешавем, ки дар дигар давлатҳо ширкатҳои ба ин кор машғулбуда ба бунёди плазаҳои замонавӣ умуман таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд. Ҳамчунин дар тӯли мавҷудият 134 иншоот, аз ҷумла, пойгоҳ барои экспертҳо, анбор барои нигоҳдории маводи зиддилағжишу дигар масолеҳ, коргоҳҳои истеҳсолӣ, озмоишгоҳҳо, иншооти зиддитармавӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.

Бо мақсади пешгирӣ ва кам кардани таъсири хавфи офатҳои табиӣ, аз ҷумла баландшавии сатҳи оби дарёҳо дар фаслҳои баҳору тобистон, ки баъзе қисматҳои роҳ осеби ҷиддӣ мебинанд, дар муддати 13 сол 50000 метри мураббаъ корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ анҷом ёфтанд.

Воқеан, иқдомеро роҳандозӣ кардан, аз ҷумла фаҳмонидани муҳимияти фаъолияти ширкат ба аҳли ҷомеа, кори саҳлу осон набуд.

**Бурҳониддин КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

# КУМИТАИ РУШДИ САЙЁҲИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин озмун эълон менамояд:

**1. Мутахассиси пешбари Раёсати рушди сайёҳии кумита - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ дар соҳаи сайёҳӣ, идоракунии давлатӣ, иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва дигар ихтисосҳои ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ;
- як сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки уҳдадориҳои мансабии мутахассиси шуъбаро ба танзим медароранд;
- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- на камтар аз як маротиба дар се сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;
- кор карда тавонистан бо компютер.

**Мутахассиси шуъба бояд ба талаботи махсус ҷавоб диҳад:**

- дорои донишу малака барои истифодабарии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳа ва хизмати давлатӣ (меҳнат) бошад.

Маоши мансабӣ - 1286,5 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**2. Мутахассиси пешбари бахши иқтисод ва банақшагирии кумита - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбии иқтисодӣ, молиявӣ ва дигар ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ;
- як сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки уҳдадориҳои мансабии мутахассиси шуъбаро ба танзим медароранд;
- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- на камтар аз як маротиба дар се сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;
- кор карда тавонистан бо компютер.

**Мутахассиси шуъба бояд ба талаботи махсус ҷавоб диҳад:**

- дорои донишу малака барои истифодабарии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳа ва хизмати давлатӣ (меҳнат) бошад.

Маоши мансабӣ - 1286,5 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**Барои иштирок дар озмун аз довталабон ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешаванд:**

- аризаи шахсӣ ба номи раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо бо ду дона сурати андозаи 4х6 (маълумотҳои шахсӣ ва фаъолияти меҳнатӣ дақиқ ва фаҳмо нишон дода шавад);
- тарҷумаи ҳол (хаттӣ ва чопӣ);
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ (шакли № 038);
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда (ИНН);
- эъломия дар бораи даромадҳо ва вазъи молумулкии худ (эъломияи андоз);
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);
- маълумотнома аз ҷои истиқомат;
- маълумотнома оид ба доғи судӣ надоштан (ИТС);
- нусхаи шаҳодатномаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (СИН);
- маълумотнома (объективка) дар шакли хаттӣ ва электронӣ.

**Ҳуҷҷатҳо аз ҷониби бахши кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқии Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати 21 рӯз, баъд аз нашри аввалини эълон дар шакли хаттӣ, қабул карда мешаванд.**

**Суроға: шаҳри Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо 3,**
**индекс: 734025,**
**тел: (372) 27-85-79.**

# ЭЪЛОН!

## ҶСП «Кафолатбонк» амволи зеринро ба фурӯш мебарорад

| т/р | Суроғаи амвол | Навъи бино | Масоҳати бино (м²) | Масоҳати қитъаи замин (м² ва га) | Маблағи арзиш (бо сомонӣ ва доллари ИМА) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | шаҳри Ҳисор, кӯчаи С. Раҷабов 6 | бино ва воситаҳои асосии Корхонаи истеҳсоли риштаҳои гуногуни ҶДММ «Файзи Истиқлол 2011» | 10137,6 м² | 20900 | 120 000 000 |
| 2 | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 22 «а» | бинои меҳмонхона | 997,1 м² | 2347 | 16 000 000 |
| 3 | шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фучик 88 | бинои ҶСК «Ширкати сохтмонии Рӯдакӣ» | 454,4 м² | 1362,7 | 5 000 000 |
| 4 | ноҳияи Фархор, деҳаи Кокул | бинои ҶСК «Агрофермаи Кокул» | 162,36 м² | | 359 500 |
| 5 | ноҳияи Фархор, Ҷамоати деҳоти «Ватан», кӯчаи Сафармад | бинои хоҷагии деҳқонии «Шаҳртеппа» | 1276,0 м² | | 610 008 |
| 6 | ноҳияи Восеъ, хоҷагии А. Сино, маҳаллаи Пушиёни поён | манзили истиқоматӣ | 447,6 м² | 2424 | 141 088 |
| 7 | ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти «Россия», деҳаи Қӯштеппа | манзили истиқоматӣ | 156,0 м² | 1150 | 585 000 |
| 8 | шаҳри Ҳисор, шаҳраки Ҳисор, кӯчаи Абӯалӣ ибни Сино 4 | базаи истеҳсолӣ | 3155,7 | 27000 | 8 000 000 |
| 9 | шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино кӯчаи Лучоб, хонаи 71 | манзили истиқоматӣ | 213,4 м² | 1510 | 470 000 |
| 10 | ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти «Зайнабобод», деҳаи Садоқат | манзили истиқоматӣ | 488,2 м² | 1300 | 3 241 392 |
| 11 | шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Деҳлавӣ, хонаи 67/20 | манзили истиқоматӣ | 845,5 м² | 217 | 3 096 683 |
| 12 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Зарафшон М-3, бинои 2, ҳуҷраи 16 | манзили истиқоматӣ | 76,1 м² | | 460 000 |
| 13 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад, бинои 1, ҳуҷраи 3 | манзили истиқоматӣ | 206 м² | 790 | 1 200 000 |
| 14 | ноҳияи Варзоб, Ҷамоати деҳоти «Варзоб - қалъа», деҳаи Шафтимиҷгон | манзили истиқоматӣ | 293,1 м² | 400 | 900 000 |
| 15 | шаҳри Турсунзода, Ҷамоати деҳоти «Навобод», деҳаи Бештеппа | манзили истиқоматӣ | 49,0 м² | 1200 | 240 000 |
| 16 | ноҳияи Кӯшониён, Ҷамоати деҳоти «Бӯстонқалъа», деҳаи Орзу | манзили истиқоматӣ | 818,0 м² | 1500 | 1 230 405 |
| 17 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Пирагов, бинои 17«а», ҳуҷраи 2 | манзили истиқоматӣ | 54,7 м² | 127,7 | 200 000 |
| 18 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Телман, бинои 13, утоқҳои 3 - 4 | манзили истиқоматӣ | 152,3 м² | 390 | 100 000 |
| 19 | шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 1-уми кӯчаи Шукуфон, хонаи 17 | манзили истиқоматӣ | 108,1м² | 700 | 1 304 353 |
| 20 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Навобод, хонаи 53 | манзили истиқоматӣ | 423,0 м² | 1590 | 3 508 350 |
| 21 | шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 3-юми кӯчаи Чайковский, хонаи 16 | манзили истиқоматӣ | 253, 3 м² | 375 | 577 000 |
| 22 | ноҳияи Варзоб, Ҷамоати деҳоти «Чорбоғ», деҳаи Ҷангалак | манзили истиқоматӣ | 136,5 м² | 642 | 508 000 |
| 23 | ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти «Чоряккорон», деҳаи Ҳуснобод | манзили истиқоматӣ | 90,6 м² | 341,5 | 250 000 |
| 24 | ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти «Чоряккорон», деҳаи Испечак | манзили истиқоматӣ | 256,1 м² | 0,16 га | 120 000 доллари ИМА |
| 25 | шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Ҷомӣ, бинои 8, утоқи 30 | манзили истиқоматӣ | 66,5 м² | | 400 000 |
| 26 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳи боло, бинои 190, утоқи 28 | манзили истиқоматӣ | 88,0 м² | | 700 000 |
| 27 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Б. Ғафуров, бинои 44, утоқи 73 | манзили истиқоматӣ | 110,4 м² | | 900 000 |
| 28 | шаҳри Душанбе, Ҷамоати деҳоти «Гулистон», деҳаи Муғулон | манзили истиқоматӣ | 470,4 м² | 1529,6 | 1 000 000 |
| 29 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ломоносов, хонаи 54/7 | манзили истиқоматӣ | 405,7 м² | 119,3 | 1 000 000 |
| 30 | шаҳри Душанбе, аз 3/1 ҳиссаи таҳти литери 2А1/ХП, кӯчаи Ломоносов, хонаи 54/7 | манзили истиқоматӣ | 268,6 м² | 525 | 600 000 |
| 31 | ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти «Чоряккорон», деҳаи Чоряккорон-дара | мағоза | 216,9 м² | 2880 | 250 000 |
| 32 | ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти «Чоряккорон», деҳаи Чоряккорон-дара | манзили истиқоматӣ | 712,9 м ² | 0,14 га | 550 000 |
| 33 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Зоя Космодемянская, хонаи 50/1 | манзили истиқоматӣ | 283,0м² | 332,1 | 500 000 |
| 34 | шаҳри Душанбе, Ҷамоати деҳоти «Сарикиштӣ», деҳаи Навбаҳор | базаи истеҳсоли тухми кирмак | 614,6 м² | 0, 29 га | 600 000 |

# КОНСУЛЬТАЦИОННЫЕ УСЛУГИ ДЛЯ РЕАЛИЗАЦИИ ПРОЕКТА

**«Усиление сельского развития посредством адаптированного землепользования и снижения рисков стихийных бедствий в Таджикистане»**

**Крайний срок:** 28 сентября, 2022

**Предквалификация**

**Страна:** Республика Таджикистан

**Ссылки:** Международный открытый тендер для консультационных услуг в области сельского развития и снижения рисков стихийных бедствий (BMZ ID 2017 687 46, Проект ID40001, № закупки KfW 508241)

**Исполнительное агентство проекта:** Национальный социальный инвестиционный фонд Таджикистана (НСИФТ), Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Бехзод 25А, четвертый этаж здания Государственного учреждения «Таджикфильм»

**Крайний срок:** 28 сентября, 2022 (14⁰⁰ по времени Душанбе)

**Проектные меры:** Массовая вырубка лесов в Таджикистане уже привела к резкому сокращению лесных площадей, результатом чего являются сильная эрозия, засухи, оползни и наводнения, а продуктивные ресурсы продолжают деградировать. Можно ожидать, что стихийные бедствия в Таджикистане окажут особенно серьезное воздействие на бедное сельское население. Правительства Германии и Таджикистана договорились о поддержке усиленного развития сельских районов и управления рисками стихийных бедствий в отдельных районах Таджикистана. Проект будет реализован в рамках Немецкого финансового сотрудничества (ФС), реализуемого Немецким банком развития (KfW). Федеральное министерство экономического сотрудничества и развития Германии (BMZ) выделило грант для этого проекта, и часть его будет использована для оплаты услуг Консультанта по поддержке реализации (КПР) для поддержки Национального социального инвестиционного фонда Таджикистана (НСИФТ) в управлении проектом.

**Запрашиваемые консультационные услуги:** КПР должен помогать партнерам по проекту в общем управлении проектом. Основные задачи будут сосредоточены на предоставлении технических знаний (например, в области облесения и борьбы с эрозией) и обеспечении качества, поддержке управления проектом, мониторинге и оценке воздействия, закупках и отчетности. Консультанты должны иметь опыт управления крупномасштабными проектами финансового сотрудничества с упором на сельское развитие, борьбу с эрозией, совместное управление лесами и инфраструктурными мерами.

Предварительная квалификация опытных консультантов для запрашивае-мых услуг будет проводиться в соответствии с последней версией «Руководства по закупкам консультационных услуг, работ, оборудования, товаров и неконсультационных услуг в рамках финансового сотрудничества со странами-партнерами» (см. страницу Немецкого банка развития www. kfw-entwicklungsbank.de). Предусмотривается поручить услуги независимой консалтинговой фирме или ассоциации фирм с подтвержденным опытом в соответствующих сферах деятельности и в региональном контексте. Минимальный годовой оборот должен составлять 900 000 евро. Полный документ Запроса на подачу заявок (ЗПЗ) можно получить у г-на Илхома Хасанова, менеджера отдела закупок НСИФТ, по адресу info@nsift.tj. Копии запросов на ЗПЗ должны быть отправлены тендерному агенту доктору Максу Каспареку, электронная почта: kasparek@t-online.de.

# CONSULTING SERVICES FOR IMPLEMENTING THE PROJECT

**«Enhancing Rural Development through Adapted Land Use and Disaster Risk Mitigation in Tajikistan»**

**Deadline:** September 28 2022

**Prequalification**

**Country:** Republic of Tajikistan

**Ref.:** International, open tender for Consulting Services in the fields of Rural Devel-opment and Disaster Risk Mitigation (BMZ ID 2017 687 46, Project ID40001, KfW Procurement Nr. 508241)

**Project Executing Agency:** National Social Investment Fund of Tajikistan (NSIFT), 25A Behzod street, State institution "Tajikfilm", 4th Floor, Dushanbe, Tajik-istan

**Deadline:** September 28, 2022 (14:00 Dushanbe time)

**Project Measures:** Massive deforestation in Tajikistan has already led to a drastic decline in forested area and heavy erosion, droughts, landslides and floods are the result, and productive resources continue to degrade. Natural disasters in Tajikistan can be expected to have a particularly severe impact on the poor rural population. The German and the Tajik governments agreed on supporting enhanced rural de-velopment and disaster risk management in selected areas of Tajikistan. The pro-ject shall be delivered under the framework of German Financial Cooperation (FC), implemented by KfW. The German Federal Ministry for Economic Cooperation and Development (BMZ) committed a grant for this project and part of it will be used for covering the services of an Implementation Support Consultant (ISC) to support the National Social Investment Fund of Tajikistan (NSIFT) in managing the project.

**Requested Consultant Services:** The ISC shall assist the project partners in the overall management of the project. The main tasks will focus on the provision of technical expertise (e.g. in the field of afforestation and erosion control) and quality assurance, project management support, monitoring and impact evaluation, pro-curement, and reporting. Consultants should have a track record in managing large-scale financial cooperation projects with focus on rural development, erosion control, joint forest management and infrastructure meaяsures.

The prequalification of experienced consultants for the requested services will be guided by the latest version of the "Guidelines for the Procurement of Consulting Services, Works, Plant, Goods and Non-Consulting Services in Financial Coopera-tion with Partner Countries" (refer to homepage of KfW Development Bank www. kfw-entwicklungsbank.de). It is foreseen to assign the services to an inde-pendent consultant firm or association of firms with proven experience in the re-spective fields of activity and in the regional context. A minimum annual turnover of EUR 900,000 is required. The full Request for Application (RfA) can be obtained from Mr. Ilhom Hasanov, NSIFT procurement department manager at info@nsift.tj. Copies of the requests for RfA should be sent to the tender agent Dr. Max Kas-parek, Email: Kasparek@t-online.de.

## Ҷустуҷӯ мекунам!

Ман, Нурмаҳмадова Бибинисо Саидаҳмадовна, шавҳарам - Сафолов Ҳасан Курбоналиевичро (соли таваллудаш - 1970, истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский, бинои 1/11, ҳуҷраи 62) ҷустуҷӯ дорам.

Шахсоне, ки дар бораи Сафолов Ҳасан Қурбоналиевич маълумоте доранд, хоҳишмандам, бо телефони 987-51-52-13 хабар диҳанд.

## Эътибор надорад

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи АБ № 042935 - и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №42 - и ноҳияи Қубодиён соли 1992 ба Маҳмадова Фотима Амировна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми синфи нуҳуми силсилаи А № 282591 - и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №42- и ноҳияи Қубодиён соли 2001 ба Авазов Субҳоншо Қурбонович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи А №163906 - и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №42- и ноҳияи Қубодиён соли 1985 ба Рахматуллоева Интизор Ҷумаевна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми синфи нуҳуми силсилаи Т-ШТА № 0997146 - и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №7- и ноҳияи Қубодиён соли 2013 ба Буризода Сабринаи Насрулло додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДТК № 0221051 таҳти қайди № 186-и гумшуда, ки онро МҒТ «Коллеҷи тиббӣ - иҷтимоӣ»-и шаҳри Бохтар соли 2018 ба Боронова Мадина Қодировна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии корхонаи автомобилии гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Гипрозем 67 ба Самадов Хуршед Асрорович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-АТУ № 09586677-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 51-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2021 ба Камолова Меҳрангез Муҳамадалиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи меҳнатии гумшуда, ки онро ҶШП «Вавилон-Мобайл» соли 2008 ба Шодиев Фируз Маҳмудҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи ҳамкорӣ бо № 144-и гумшуда, ки онро Ширкати «Себистон-2018» бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, маҳаллаи Лучоб ба Холов Саид Зубайдуллоевич ва Нуров Маҳмадраҳим Насруллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии квартираи гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе соли 2005 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Қосимов, бинои 7/2, ҳуҷраи 56 ба Камилова Зарина Джуманазаровна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШКД-1-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2005 бо суроғаи ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Қосимов, бинои 7/2, ҳуҷраи 56 ба Камилова Зарина Джуманазаровна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2019 бо суроғаи кӯчаи Маяковский, бинои 93, ҳуҷраи 93 ба Ёрматов Парвез Шарафҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе соли 2020 бо суроғаи хиёбони Абӯалӣ ибни Сино, бинои 52, ҳуҷраи 23 ба Бобоназаров Эльбек Комилжонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КФББТ-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2011 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, кӯчаи 22-юм Партсъезд ба Собиров Султон Қурбонбоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-АТУ № 0469109-и гумшуда, ки онро МДТ «Литсейи барои хонандагони болаёқати равияи иқтисодӣ» дар шаҳри Душанбе соли 2018 ба Ояхмадзода Комилҷони Хуршед додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯш таҳти феҳристи №1Ш-95 –и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ваҳдат 21 январи соли 2022 бо суроғаи шаҳри Ваҳдат, кӯчаи А. Саид, хонаи 36 ба Зубайдов Абдулфаёз Ашуралиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №57-и ноҳияи Данғара соли 1989 ва билети ҳарбии гумшуда, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Данғара ба Пиров Илҳом Бегович додааст, эътибор надоранд.

✓ Патенти соҳибкории № 037715, РЯМ 6030142214-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент соли 2019 ба Баҳодури Иброҳим додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти миёнаи умумии гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №51-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2008 ба Кайнарова Гулноза Исломхоҷаевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидорӣ таҳти қайди №2089-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе 23 апрели соли 1997 бо суроғаи кӯчаи Азизбеков, хонаи 10 ба Фаттоев Абдужабор додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ТСИ № 0001821 таҳти қайди 1956-и гумшуда, ки онро Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Вазорати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Абдулоева Гулчеҳра Исматовна додааст, эътибор надорад.

## Барҳам меxӯрад

✓ Ташкилоти ҷамъиятии маркази кӯдаконаи инкишофи нутқи синну соли томактабии «Тутӣ», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ таҳти қайди ИҶ 1650 аз 18 феврали соли 2015 буда, онро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Корхонаи давлатии «Бозори Зарафшон», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии №0051798, РЯМ 6010000517 буда, онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент соли 2010 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро, инчунин метавонед аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 12 августи соли 2022, соати 16:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33455 нусха*

Навбатдори шумора Ш. Абдулвоҳидова

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров